ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Зарипов Файзалӣ Абдухолиқович дар мавзуи «Асосҳои институтсионалии сиёсати протексионистии давлат дар вориди маҳсулотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ)

аз 03 октябри соли 2026 ш. Душанбе

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Даврон Дадоҷон (раис), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хоҷаев Парвиз Давронович (аъзо), доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сафозода Абдумаҷид Карим (аъзо), ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 12 сентябри соли 2026, суратмаҷлиси № 12/КЭ таъсис дода шудааст, диссертатсияи Зарипов Файзалӣ Абдухолиқович дар мавзуи «Асосҳои институтсионалии сиёсати протексионистии давлат дар вориди маҳсулотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровардаанд:

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Зарипов Файзалӣ Абдухолиқович дар мавзуи «Асосҳои институтсионалии сиёсати протексионистии давлат дар вориди маҳсулотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии баитмомрасида маҳсуб меёбад. Дар он масъалаҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ ва ташкилӣ-методии асосҳои институтсионалии сиёсати

протексионистии давлат дар вориди маҳсулотҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд.

Дар шароити имрӯзаи рушди иқтисоди ҷаҳонӣ тамоюли тақвияти сиёсати протексионистӣ дар бисёр кишварҳо ба таври назаррас афзоиш меёбад, хосатан ин равӣнд дар соҳаи кишоварзӣ зоҳир гардида, бо ҳадафҳои таъмини устувории бозори дохилӣ ва амнияти озуқаворӣ алоқамандӣ дорад. Аз ин рӯ, тағйироти пайвастаи муҳити беруна зарурати таҳлили таъсири омилҳои гуногунро ба ташаккул ва татбиқи сиёсати иқтисодӣ ва интихоби воситаҳои мувофиқи протексионистӣ ба миён меорад. Таҷрибаи кишварҳои рӯ ба тараққӣ собит месозад, ки татбиқи протексинизм метавонад барои тақвияти истеҳсолоти ватанӣ бо роҳи маҳдуд сохтани рақобати хориҷӣ заминаи мусоид таъмин намояд.

Дар шароити тағйирёбии босуръати муҳити иқтисодии ҷаҳонӣ ва зиёд гардидани омилҳои беруна, таъмини рушди устувори истеҳсолоти ватанӣ ва таҳкими иқтидори дохилии иқтисодӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Дар ин асос, воридивазкунӣ ва кам кардани вобастагӣ аз бозорҳои хориҷӣ ҳамчун самтҳои зарурии сиёсати иқтисодӣ баромад мекунанд. Ин ҳолат зарурати таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва механизмҳои амалии қисми протексионистии сиёсати иқтисодиро муайян мекунанд, ки дар низоми агросаноатӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Вобаста ба ин, мушкилоти такмили низоми чораҳои протексионистии кишоварзӣ ва муайянсозии дастурҳои зарурӣ барои таҳияи усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои муассири таъсиррасонӣ ба субъектҳои кишоварзӣ дар ҳама сатҳҳо ин мавзуи диссертатсияро хеле муҳим гардонидаанд.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар шуъбаи омӯзиш ва мониторинги озуқаворӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ иҷро гардидааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи иқтисодиёти ҷаҳон ба шумор рафта, он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ), ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-100 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2025 (№353/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 2 мақола дар алоҳидагӣ (талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295)) ба чоп расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

5. Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи муаллифони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор

нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

6. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Зарипов Файзалӣ Абдухолиқович дар мавзуи «Асосҳои институтсионалии сиёсати протексионистии давлат дар вориди маҳсулотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ инҳо таъин карда шаванд:

- **Садриддинзода Манучеҳр Исломиддин,** доктори илмҳои иқтисодӣ, мудири Академияи хурди илмҳои Тоҷикистон дар назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Гулаков Умедҷон Маҳмадович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ
д.и.и., дотсент **Раҳимов С.Х.**

Аъзои шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., профессор **Хочаев П.Д.**